# НАҚШИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР БУНЁДИ ҶОМЕАИ МУТАМАДДИН ВА ЭЪМОРИ ДАВЛАТИ ОБОДУ МУОСИРИ МИЛЛӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод намуданд, ки соли 2024 Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон карда шавад. Эълон гардидани соли 2024 - Соли маърифати ҳуқуқӣ ва тавъам донистани он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо маънои амиқу ниҳоӣ дорад, балки тадбири муҳиму саривақтӣ барои бунёди ҷомеаи мутамаддин, сохтани шахси комил ва эъмори давлати ободу муосири миллӣ мебошад. Сарвари давлат қабл аз он ки соли 2024-ро Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон намоянд, оид ба авзои кунунии ҷаҳон ва вобаста ба он доир ба амнияти давлат ва суботи ҷомеа, дар пайи он дар бораи шароит ва имконоти Кувваҳои мусаллаҳи мамлакат иттилоъ доданд.

Аз ҷумла қайд гардид, ки «вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии давлатамон тадбирҳои иловагӣ андешем».

Қобили зикр аст, дар ҳама давру замон асоси пешрафти ҷомеаҳои мутамаддин риояи қонуну қоидаҳои адолатманишу инсонмеҳвар ба ҳисоб меравад. Рушди бонизоми ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаро бе мавҷудияти тартиботи ҷамъиятӣ дар дохили давлат тасаввур намудан ғайри имкон аст. Барои расидан ба ин ҳадафи олӣ эҷоду таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқии сарнавиштсозу адолатпарварро ба роҳ монда, дар заминаи он бо роҳҳои гуногуну мақсаднок маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии ҷомеаро метавон боло бурд. Риояи тартиботи ҳуқуқии мавҷуда қарзи шаҳрвандии ҳар як инсон мебошад, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд зиндагӣ мекунад. Он нишонаи маданият ва неруи ақлонию илмии шахсро нишон медиҳад. Зеро дарки моҳият ва риояи санадҳои ҳуқуқӣ мавқеи шахсро дар ҷамъият баланд мебардорад, чунки ин инсон ба мафҳумҳои ҳаққу ботил амиқ сарфаҳм меравад ва аз роҳҳои нодуруст худро боз медорад. Аз ин дидгоҳ ҳар як нафар узви ҷомеа агар бихоҳад, ки дар зиндагӣ боэътибор бошад, бояд ки дар баробари санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ арҷгузорӣ намояд. Инсон шаъну шарафи хешро танҳо ба василаи қонунҳои мавҷуда ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ метавонад ҳифз намояд. Риоя, дарк ва эҳтироми қонунҳо дар моддаи 42-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зайл омадааст: «Дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад». Ин меъёри конститутсионӣ моро боз ҳам водор месозад, ки дар самти риояи қонунҳои ҷории ҷумҳурӣ пешоҳанг бошем.

Дар ин ҳолат, ташкили низоми маърифати ҳуқуқӣ, татбиқи мақсадноки ҳадафҳо ва вазифаҳои маърифати ҳуқуқӣ зарур аст. Раванди паҳнкунии иттилооти ҳуқуқӣ бояд мундариҷа, сифат, усулҳо ва воситаҳои интиқоли иттилоот, инчунин, низомнокӣ ва самти мақсадноки онро бояд ба назар гирад. Баланд бардоштани нақши падидаҳои аз ҷиҳати

иҷтимоӣ муҳим, ки татбиқи барномаҳои маърифати ҳуқуқиро таъмин мекунанд, диққати махсус додан лозим аст.

Яке аз чунин падидаҳои муҳимми иҷтимоӣ низоми мактабу маориф мебошад. Ба андешаи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Э.С. Насриддинзода маърифати ҳуқуқӣ шакли бисёрҷанбаи фаъолиятест, ки дар роҳандозии он низоми маориф нақши асосӣ дорад. Ба ҳайси ҳадафи асосии маърифати ҳуқуқӣ ташаккули асосҳои назариявии шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, тафаккури ҳуқуқӣ, инчунин, густариши ҷаҳонфаҳмии илмии ҳуқуқии шаҳрвандон ва дар ҳаёти ҳаррӯза татбиқ намудани талаботҳои ҳуқуқӣ баромад мекунад. Дар ҳақиқат, масъалаи маърифати ҳуқуқӣ танҳо аз моҳияти ҳуқуқӣ иборат нест ё худ фақат мазмуни ҳуқуқӣ надорад, балки бо маҷмӯи арзишҳои маънавӣ, аз қабили расму анъанаҳои миллию ахлоқӣ оид ба некию накӯкорӣ, шафқату дилсӯзӣ, ростӣ, ҳақиқат, покӣ, адолат ва дигар арзишҳои дар таърихи мавҷудияти миллат исботшуда робитаи ногусастанӣ дорад.

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва тавсеаи донишҳои ҳуқуқӣ, ки аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми ҳаёти имрӯза ба шумор меравад, дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ва дигар суханрониҳояшон аз масъалаҳои меҳварӣ ба шумор меравад. Ин аст, ки Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ ба ин самт таваҷҷуҳи хос зоҳир карда, бо мақсади боло бурдани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, чандин санадҳои меъёрии ҳуқуқии муҳим ва барномаҳои алоҳидаро таҳия ва қабул намудааст.

Муҳимтарин роҳи ташаккули сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон дар замони муосир, ин баланд бардоштани маърифатнокии онҳо ва истифодаи имкониятҳо дар ҷустани чораҳои ҳуқуқӣ ҳангоми танзими низоъҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар натиҷа тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ташаккул ёфта, дар навбати худ нигоҳи ҷомеаро куллан тағйир медиҳад. Аз ин лиҳоз, тарбияи ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун шарти баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа бояд яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифатнокии ҳуқуқӣ гардад.

Ҳамаи мо имрӯз вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул бошем ва дар атрофи Сарвари давлат муттаҳиду сарҷамъ шуда, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем, зеро давлате, ки муттаҳиду сарҷамъ ва бомаърифат аст ягон мушкилӣ онро пароканда карда наметавонад.

Ба ифтихори 30-солагии қабули Конститутсия аз ҷониби Сарвари давлат пешниҳод гардидани соли 2024 ҳамчун Соли маърифати ҳуқуқӣ дар назди ҳар сокини мамлакат масъулияти бештар мегузорад. Зеро риояи қонун аз оила, аз маҳалла, аз ҳар яки мо вобаста мебошад. Пас, моро месазад, ки дар партави ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат дар доираи эълони соли 2024 - Соли маърифати ҳуқуқӣ баҳри боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон даст ба кор бошем ва сифати баланди баргузории чорабиниҳои нақшавиро дар ин самт татбиқ намоем.

**Умед МУРОДЗОДА – сардори бахши идоракунии лоиҳаҳои шуъбаи робитаҳои байналмилалии ДМТ**